**ХУЛОСАИ**

**комиссияи экспертии шурои диссертатсионии 6D.КОА-067-и назди Институти забон ва адабиёти ба номи Рӯдакии АМИТ ба диссертатсияи Ҷуракулзода Умрон Шодиқул дар мавзуи «Хусусиятҳои лексикӣ-сохтории истилоҳоти иқтисодӣ дар забони тоҷикӣ (дар асоси маводи ҳуҷҷатҳои меъёрии соҳаи иқтисодӣ ва луғатномаҳо)", ки барои дарёфти дараҷаи илмии номзади илмҳои филологӣ аз рӯйи ихтисоси 10.02.00 – Забоншиносӣ (10.02.01- Забони тоҷикӣ) пешниҳод шудааст.**

Диссертатсияи Ҷуракулзода Умрон Шодиқул дар бораи хусусиятҳои маъноӣ ва сохтории истилоҳоти иқтисодӣ бар мабнои забони тоҷикӣ баҳс мекунад. Аҳаммияти ин кори диссертатсионӣ, қабл аз ҳама, аз он иборат аст, ки баъди ба даст овардани истиқлол дар ҳама арсаҳо зарурат пеш омад, ки истилоҳоти соҳавӣ, аз ҷумла ҳуҷҷатгузории расмии соҳаи иқтисоди миллӣ ба забони давлатӣ ва дар сатҳи касбӣ мутобиқ карда шавад. Бинобар ин, то кунун доир ба забони ҳуҷҷатҳои меъёрии иқтисодӣ, хусусиятҳои луғавию морфологии он кори илмии алоҳида анҷом дода нашудааст. Арзишу аҳаммияти рисолаи мавриди гуфтугӯ дар он аст, ки ошкор кардани хусусиятҳои луғавию сохтории ҳуҷҷатҳои меъёрии иқтисодӣ дар заминаи таҳлили маводи зерсоҳаҳои он: омор, андоз, бонк ва дигар бахшҳо аз ҷумлаи мавзуъҳои мубрами ин кори таҳқиқӣ мебошад. Аз ин зовия дар ин кор саъй шудааст, ки моҳияти забонии ҳуҷҷатҳои меъёрии иқтисодӣ ва истилоҳоти он то андозае таъйин гардида, моҳиятан боарзишнок ва судманд дониста мешавад.

Навоварии илмии диссертатсия дар он зоҳир меёбад, ки он дар забоншиносии тоҷик, хусусан дар самти таҳлили хусусиятҳои луғавию сохтории ҳуҷҷатҳои меъёрии иқтисодӣ кӯшиши нахустин ба ҳисоб меравад. Инчунин, дар рисола дар масъалаҳои таҳқиқи хусусиятҳои луғавию сохтории ҳуҷҷатҳои меъёриии иқтисодӣ (дар асоси ҳуҷҷатҳои меъёрии иқтисодӣ ва луғатномаҳо) ва истилоҳоти иқтисодӣ вобаста ба

вижагиҳои сохторию маънои истилоҳоти иқтисодӣ, баромад, тавсиф ва таснифи вожаҳо ва истилоҳот аз ҷиҳати мавзуӣ дар ҳуҷҷатҳои меъёрии иқтисодӣ ва луғатҳои соҳавӣ бори аввал мавриди таҳқиқ ва пажуҳиш қарор гирифтаанд.

Маводи диссертатсия ва дастовардҳои илмии таҳқиқро дар баррасии масъалаҳои назарӣ ва омӯзиши хусусиятҳои луғавию сохтории ҳуҷҷатҳои меъёрии иқтисодӣ муҳим ва мубрам арзёбӣ мегардад, метавон истифода кард ва ҳамчунин он дар таҳия ва танзими луғатномаҳои иқтисодӣ, таҳия ва сохтани хуҷҷатҳои меъёрии иқтисодӣ, таълиму тадриси забони тоҷикӣ дар риштаи иқтисодӣ, навиштани китобҳои дарсии забони тоҷикӣ барои факултетҳои иқтисодӣ ва таълими курсҳои махсус маводи муфид хоҳад дод.

Диссертатсия ба талаботи бандҳои 31-33 ва 35-и Тартиби додани дараҷаҳои илмӣ, ки бо қарори Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 30-юми июни соли 2021, таҳти №267 тасдиқ шудааст, мувофиқ мебошад. Саҳми шахсии довталаби дарёфти дараҷаи илмиро дараҷаи дарки масъалаҳои дар диссертатсия баррасишуда, натиҷаҳо ва хулосаҳои асосии кор, муқарраароти ба ҳимоя пешниҳодшуда ва мустақил ифода шудани нуқтаи назари ӯ нисбат ба мавзуи таҳқиқ таъйид мекунанд.

Мавзуъ ва мазмуни таҳқиқи диссертатсионӣ бо шиносномаи ихтисоси 10.02.00 – Забоншиносӣ (10.02.01- Забони тоҷикӣ) мутобиқ мебошад.

Натиҷаҳои асосӣ, хулосаҳои таҳқиқ ва тавсияҳои муаллиф дар 5 мақола, ки аз ин шумора 3 номгӯи он дар маҷаллаҳои илмии тақризшавандаи Комиссияи олии аттестатсионии назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон ба табъ расидаанд, инъикос ёфта, бо мазмун ва мавзуи диссертатсия бевосита алоқаманд мебошанд. Автореферати диссертатсия ва мақолаҳои нашркардаи унвонҷӯ фарогири мазмуну муҳтавои диссертатсия мебошанд. Мақолаҳои илмии интишорёфтаи муаллиф ва теъдоди маводи чопшуда ба талаботи бандҳои 34 ва 35-и Тартиби додани дараҷаҳои илмӣ мувофиқат менамоянд.

Дар диссертатсияи Ҷурақулзода Умрон Шодиқул истифодаи мавод бидуни ишора ба муаллиф ё маъхаз ба назар намерасад. Ин аз риоя шудани

банди 37-и Тартиби додани дараҷаҳои илмӣ гувоҳӣ медиҳад.

Дар хулосаи диссертатсия дастовардҳои таҳқиқ ва моҳияти масъалаҳои меҳварӣ зикр ёфта, дурнамои мавзуи кори диссертатсионӣ таъйин шудааст. Аҳаммияти таҳқиқ, навовариҳои илмии диссертатсия ва арзиши амалии онро ба назар гирифта, комиссияи экспертӣ ба чунин хулоса омад, ки диссертатсияи Ҷурақулзода Умрон Шодиқул кори таҳқиқии анҷомёфта буда, ба талаботи Комиссияи олии аттестатсионии назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон ҷавобгӯ мебошад ва онро барои дарёфти дараҷаи илмии номзади илмҳои филологӣ аз рӯйи ихтисоси 10.02.00 – Забоншиносӣ (10.02.01- Забони тоҷикӣ) ба ҳимоя пешниҳод кардан мумкин аст.

Комиссияи экспертӣ дар асоси банди 60-и Тартиби додани дараҷаҳои илмӣ пешниҳод менамояд:

1. Ба номи диссертатсияи Ҷурақулзода Умрон Шодиқул тағйирот ворид карда шавад ва дар шакли «Хусусиятҳои лексикӣ-сохтории истилоҳоти иқтисодӣ дар забони тоҷикӣ (дар асоси маводи ҳуҷҷатҳои меъёрии соҳаи иқтисодӣ ва луғатномаҳо)” аз рӯйи ихтисоси 10.02.00 – Забоншиносӣ (10.02.01- Забони тоҷикӣ) дар ҷаласаи шурои дессертатсионии 6D. КОА-067-и назди Институти забон ва адабиёти ба номи Рӯдакии АМИТ тариқи овоздиҳии ошкоро ба ҳимоя қабул гардад.

2. Комиссияи экспертӣ муҳаққиқони зеринро, ки корҳои илмӣ-таҳқиқиашон ба ихтисоси 10.02.00 – Забоншиносӣ (10.02.01- Забони тоҷикӣ) мувофиқат доранд, ба ҳайси муқарризони расмӣ пешниҳод менамояд:

- **Ҳомидов Дилмурод Раҷабович** – доктори илмҳои филологӣ, профессори кафедраи таърихи забон ва типологияи Донишгоҳи миллии Тоҷикистон;

- **Амлоев Аминҷон Ятимович** – номзади илмҳои филологӣ, муаллими калони кафедраи забони тоҷикии Донишгоҳи славянии Россия ва Тоҷикистон.

3. Ба сифати муассисаи пешбар МДТ “Донишгоҳи давлатии Бохтар ба номи Носири Хусрав” пешниҳод мешавад.

4. Барои гузоштани эълони ҳимоя, матни диссертатсия ва автореферати он дар сомонаҳои Институти забон ва адабиёти ба номи Рӯдакии АМИТ ва Комиссияи олии аттестатсионии назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон иҷозат дода шавад.

5. Барои чопи автореферат бо ҳуқуқи дастнавис ва тавзеъ гардидани он ба суроғаҳои таъйиншуда иҷозат дода шавад.

**Раиси комиссияи экспертӣ:**
доктори илми филология,
узви шурои диссертатсионӣ Назарзода С.

**Аъзои комиссияи экспертӣ:**
доктори илми филология,
узви шурои диссертатсионӣ Раҳматуллозода С.

доктори илми филология,
узви шурои диссертатсионӣ Нуров П.

«8» июли соли 2024.